# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2026.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ» аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, **мувофиқат дорад**.

Ҳадафи диссертант баррасии истилоҳоти тиббӣ аз лиҳози семантика, сохтор, баромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар асоси маводди “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ буда, пажуҳиши мавзуи мавриди назар **аз ҷумлаи мавзуъҳои мубрами забоншиносии тоҷик** аст.

Агарчи ғавру баррасии семантика, сохтор, баромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар мисоли ин ё он асар бесобиқа нест, мавзуи баҳси муаллиф дар автореферати мазкур барои илми забоншиносии муосири тоҷик як навъ даричаи дигареро боз мекунад. Зеро ба андешаи муаллифи автореферат, «омузиши осори илмию таърихӣ ва бадеӣ аз лиҳози вижагиҳои сарфию наҳвӣ, лексикию семантикӣ, услубию истилоҳшиносӣ, овошиносӣ метавонад ба масъалаҳои баҳсталаби ин бахши илм мусоидат намояд» (автореферат с.3).

Аслан, масъалаи муайян намудани семантика, сохтор, баромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар мисоли ин ё он асар, бавежа дар асоси маводди “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ кори саҳл набуда, бидуни пажуҳиши илмию ҳамаҷонибаи масъалаи мавриди назар наметавон, ки омӯзиши сохтору баромади забонии асарҳои ҳамин давраи таърихиро сареҳан бозгӯ намуд ва мушаххас сохт. Аз ин ҷо, таҳқиқи монографии масъалаи семантика, сохтор, баромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар мисоли “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ дар илми забоншиносии тоҷик **аз ҳар ҷиҳат мубрам аст**.

**Мавзуи мавриди таҳқиқ** қарорёфта бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ пайванди комил дошта, **мақсади таҳқиқ ва вазифаҳо**и гузошташуда иҷро шудаанд. Афзун бар ин, **объект ва предмети таҳқиқ** ба таври дақиқ муайян гардида, **асосҳои назариявии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** равшан инъикос ёфтаанд.

**Навоварии илмии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ, баромади истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати забонӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббии "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин, истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати сохтор, нақши воситаҳои калимасозӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ, роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳиборaҳо ва мавқеи корбурди онҳо дар муқоиса ба таҳқиқоти олимони забоншинос, фарҳангу луғатномаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** низ тибқи талабот аз 4 банд иборат буда, моҳияти масъаларо фаро гирифта, хусусияти ҷамъбастӣ доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** низ дар он аст, ки омӯзиши масъалаи мазкур, ки то айни ҳол мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтаанд, барои равшантар намудани масоили марбути семантика, сохтор, баромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар илми забоншиносии муосири тоҷик мусоидат хоҳад кард.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст мавзуъ ба риштаи таҳлил, таҳқиқ кашида шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки инҳоянд:

1. Дар автореферат баъзе хотогиҳои техникӣ мушоҳида гардид (саҳ,15, 17, 30), ки бартараф кардани онҳо саҳл аст.
2. Дар диссертатсия натиҷаҳои кор дар нақша ва диаграмма нишон дода мешуд, натиҷа равшантар инъикос меёфт.

Эрод ва камбудиҳое, ки зикр шуданд, хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ба муҳтавои он таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Бинобар ин, диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ» таҳқиқоти анҷомёфта аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон** дар мавзуи **«Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои

31, 33, 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори
кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода
Шариф Раҳмон

Нишонӣ: 734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
тел.: (+992) 92 757 32 28, ssssharif@mail.ru

Имзои Ш.Р.Шарифзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода
Аслиддин Насурдин

Нишонӣ: 734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
тел./факс (992 37) 224-17-86, 228-92-20,
www.apa.tj, info@apa.tj
«___»___________________ соли 2026